**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O19-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O19-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ, мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №15/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқушиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, ки бо самтҳои махсуси таълимии «Масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақа», «Асосҳои ҳуқуқии амнияти миллӣ» алоқаманд буда, муддати солҳои 2018-2023 анҷом дода шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Вазъи кунунии Тоҷикистон ва ҷаҳон бо дарёфти роҳҳои таҳким ва эътимоднокии системаҳои амнияти миллӣ, ки яке аз онҳо амнияти конститутсионӣ мебошад, тавассути гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои гуногуни таъмини он тавсиф мешавад. Ин аз зарурати барқарор кардани робитаҳои беруна ва дохилӣ вобаста аст, ки шукуфоӣ, субот ва ташаккули устувор, самаранокии давлат, шахс ва ҷомеаро таъмин мекунанд. Вазифаҳои муҳимтарини ҳар як давлат ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли масъалаи таъмини татбиқи воқеии ҳуқуқ, озодии инсон ва шаҳрванд, ки қонунгузорӣ ва Конститутсияи давлат муқаррар кардааст, ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи моддаи 5 Конститутсияи амалкунандаи Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҳаёт, шаъну шараф ва инсон арзиши олӣ доранд ва умуман дахлнопазиранд. Ҳалли ин масъала иҷрои вазифаҳои мутақобилаи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мураккабро дар бар мегирад, ки бо асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, идеологии ҳаёти ҷамъиятию давлатии кишвар алоқаманданд. Воқеан ҳам, мушкилоти амнияти миллӣ дар қонунгузории кишвари мо бисёрҷанба мебошад. Таваҷҷуҳ аз ҳама бештар ба соҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҳаёти давлат дода мешавад, ки он ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятию сиёсии давлат ва ҷомеа тақсим шуда, танҳо дар ҳодаи сиёсатшиносӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамзамон, масъалаи баррасишаванда дар заминаи асосҳои бунёдии ҳуқуқӣ, ки дар он меъёрҳои Конститутсияи амаликунандаи кишвар аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Таъсири конститутсионӣ ба муносибатҳо дар соҳаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути амали санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд ва муқарраротии он дар ин соҳа ба таври муфассал баён шуда таъмин карда мешаванд. Сарфи назар аз заминаи омӯзиши мушкилоти амнияти миллӣ, бояд қайд кард, ки онҳо бештар хусусияти соҳавӣ доранд ва аксар вақт вазъияти мушаххаси иҷтимоию сиёсиро ба назар мегиранд. Дар баробари ин бояд эътироф кард, ки

конститутсионализми назариявию ҳуқуқӣ ба андозаи хеле кам омӯхта ва татбиқ карда шудааст.

Нуктаҳои дар боло зикргардида, ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро муайян намуда, ғайр аз ин, динамикаи тағйирёбии вазъи ҷаҳон, ташаккули асосҳои нави консептуалии таъмини амнияти миллӣ дар Тоҷикистон, зарурати омӯзиши мунтазам ва пайвастаи масоили таъмини амнияти миллиро талаб менамоянд.

Боби якуми диссертатсия – **«Амнияти миллӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии давлатӣ»** аз се зербоб иборат буда, масъалаи мазкурро муаллиф аз мафҳумҳои бунёдии илми ҳуқуқшиносӣ, ки аз нигоҳи таърихӣ баррасӣ мегарданд, ҳамзамон қонунгузорӣ ва таҷрибаҳои конститутсионии баъзе давлатҳои пасошуравӣ ва хориҷӣ дар ин самт мавриди таҳлил қарор намудааст.

Боби дуюми рисола – **«Ҷанбаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва фаъолияти механизми давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ»** аз се зербоб иборат буда, дар доираи он таҳлили фаъолияти механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, асосҳои ҳуқуқии ҳамкории унсурҳои механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, шаклҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ мавриди таҳқиқи илмӣ-амалӣ қарор гирифтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар он ифода меёбад, ки бори нахуст аз лиҳози илмӣ ҳуқуқи конститутсионӣ кӯшиши муайян намудани мафҳум ва моҳиятиислоҳоти конститутсионӣ мавриди баррасии амиқ қарор дода шудааст. Таҳқиқоти мазкур авалин таҳқиқоти ватание мебошад, ки ба амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ бахшида шуда, дар сатҳи маҷмуи корҳои илмӣ, бо забони давлатӣ иҷро карда шудааст. Дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷониба муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба

мафҳумҳои амниятӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ баҳо диҳад ва таърифҳои муаллифии мафҳумҳоро пешниҳод намояд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, дараҷаи илмии рисоларо баланд менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Қайд намудан зарур аст, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлӯҳои гуногуни ислоҳоти конститутсионӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, табиати ҳуқуқӣ, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот, таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва роҳҳои такмили меъёрҳо оид ба падидаи мазкур, асос меёбанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ғайраҳо ба даст омадаанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо барои истифода аз онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки роҳҳои ташаккули падидаи мазкур, табиати ҳуқуқӣ ва мавқеи он дар ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардад. Маврид ба тазаккур аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ва нуктаҳои илмию пешниҳодҳои амалии дар он инъикосгардида, метавонанд дар такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва таъмини амнияти миллӣ саҳмгузор бошанд. Илова бар ин, муқарраротӣ назариявии таҳқиқотро метавон дар раванди таълим ҳамчун маводи иловагии илмӣ, ҳангоми омӯзиши курсҳои «Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар шохаҳои ҳуқуқшиносӣ истифода бурд. Муқаррароти асосии таҳқиқот ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯён, инчунин

барои такмили ихтисоси кормандони давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳамчун дастурамали илмӣ лозим шуморидан аз эҳтимол холӣ нест.

**Дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳои баҳснок дар диссертатсия ба назар мерасанд ва ба Ҳакимов М.Қ. дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоям, аз ҷумла:**

1. Унвонҷӯ дар банди дуюми нуқтаҳои асосии кори илмиашон се ҷанбаҳои асосиро оид ба мафҳум ва моҳияти «амнияти миллӣ» муайян кардааст, вале дар дохили кори илмӣ (саҳ-40), мафҳум ва аҳамияти «амният»-ро дар Созишномаҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла дар Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ чӣ гуна маънидод шудааст, пурра накушодааст.

2. Диссертант дар кори илмии худ дар заминаи тадқиқоти илмӣ ба нуқтаи панҷуми диссертатсия оид ба «таъриф»-и «механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ»-ро ба таври васеъ ошкор намудааст, вале дар бисёр саҳифаҳои боби мазкур калимаи «мафҳум» омадааст, на «таъриф», ки мазмун ва муҳтавои корро васеъ менамояд ва атрофи ин масъала мавқеи худро рисоланавис дар раванди ҳимоя муайян менамуд.

3. Инчунин диссертант Ҳакимов М.Қ., дар дохили кори илмӣ бо назардошти он, ки амнияти миллӣ ҳамчун категорияи доктриналӣ амал менамояд, қабули нави қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи таъмини амнияти миллӣ»-ро (саҳ-86) бо фаслҳояш пешниҳод менамояд. Хуб мешуд, ки рисоланавис зарурияти қабули қонуни мазкурро дар ҷараёни ҳимоя ошкоро асоснок менамуд.

4. Бисёр хуб мебуд, агар унвонҷӯ аз корҳои олимони ватанӣ бештар истифода менамуд.

Вале, ман ҳамчун муқарризи расмӣ бо боварии комил гуфта метавонам, ки ин масъалаҳо ба аҳамияти илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад ва эътимод дорам, ки унвонҷӯ дар ҷараёни ҳимояи рисола ба ин масъалаҳо ҷавоби дуруст дода метавонад. Дар маҷмуъ,

эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро низ паст накарда, нахустин масъалае мебошад, ки бо забони давлатӣ навишта шуда, ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯй аст. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ дар маҷмуъ муаллифи 17 мақолаҳои илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ буда, аз ин 9 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ интишор шудаанд. Мақолаҳо бо мазмуни мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Теъдоди маводҳои чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳакимов М.Қ., ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омузиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Чунки пешниҳод ва хулосаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, судманд ва саривақтӣ буда, онҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои илми хуқуқшиносии ватанӣ равона шуда, ҳамзамон ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсия ва стратегияҳои давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ истифода шаванд.

Дар маҷмуъ, Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ буда, тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:** Сарходими илмии
Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва
ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор **Зоир Ҷ.М.**

**Имзои Зоир Ҷ.М.-ро тасдиқ менамоям:**
Нозири калони кадри Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.
Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон **Шозедов Х.Н.**

**Суроғаи муқарриз:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33, тел. (99237) 221-56-89 e-mail: www.ifanrt.tj.
«05» январи 2024 сол.